МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 31/2с

аз «29» 03 соли 2023

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои назоратшаванда ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бори аввал пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд:

1. Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон (таҳиякунанда) риоя гардидааст.

2. Дар бандҳои 16, 17, 18, 19, 36 ва 37 лоиҳа уҳдадориҳо барои ташкилотҳои назоратшаванда ҷиҳати муосидат барои гузаронидани санҷиш, пешниҳоди ҳуҷҷатҳо (маълумот) тибқи дархости роҳбари гурӯҳи санҷишӣ, таъмини дастрасии бемамониат ба бино ва дигар иншооти ташкилоти назоратшаванда дар рӯзҳои гузаронидани санҷиш, муайян намудани шахсони мансабдор ва кормандони сохторҳои дахлдори

ташкилот, ки бо роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишӣ ҳамкорӣ менамояд, инчунин таъмин намудани гурӯҳи санҷиш бо ҷойҳои корӣ дар утоқи алоҳида ва таҷҳизоти зарурӣ, пешбинӣ гардидааст. Бояд қайд кард, ки муқаррароти банди 36 барои ташкилотҳои назоратшаванда масрафҳои иловагиро пешбинӣ менамояд.

3. Дар банди 24 лоиҳа маҳдудиятҳо барои ташкилотҳои назоратшаванда вобаста ба маҳрум сохтани ҳуҷҷатҳои дархостшудаи гурӯҳи санҷишӣ, аз назар гузаронидани ҳуҷҷатҳои расмӣ, ки дар рафти санҷиш ҷамъоварӣ карда шудаанд, тафтиши воситаҳои техникии санҷишгарон, талаб намудани ҳама гуна тавзеҳоти шифоҳӣ ва хаттӣ аз гурӯҳи санҷишӣ, пешбинӣ карда шудааст.

4. Дар лоиҳа барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон масрафҳои беасос мушоҳида намегарданд.

5. Роҳи интихобшуда барои ҳалли мушкилот асоснок буда, лоиҳаи мазкур тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои назоратшаванда, ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаҳои онҳоро муайян менамояд.

Директор — Саидзода И.Ҳ.